«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
«____»________________соли 2026.

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – таърихи фалсафа, пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста таъкид менамоянд, ки омӯзиш ва таҳқиқи осори гаронбаҳои мутафаккирони тоҷик бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирад. Зеро ин масъала, махсусан дар шароити ҷаҳонишавии бархурди тамаддунҳо, аҳаммияти рӯзафзун дорад. Таълифи асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1995) ва «Чеҳраҳои мондагор» (2016) аз ҷониби Пешвои миллат далели равшани ин мавқеи илмӣ-фарҳангӣ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавии илм ва бархурди тамаддунҳо, баррасии низоми мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони Машриқзамин аҳаммияти нав пайдо намудааст. Афкори мантиқӣ ва маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки дар заминаи муколамаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб ташаккул ёфтаанд, имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор доранд. Бо вуҷуди он ки роҷеъ ба таълимоти ҳар ду мутафаккир пажуҳишҳои зиёде анҷом ёфтаанд, таҳлили бонизоми таълимоти онҳо дар соҳаи мантиқ ва маърифат, бахусус дар заминаи муқоисавӣ ва аз дидгоҳи методологӣ, то кунун ба таври кофӣ анҷом

наёфтааст. Аз ин рӯ, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ин холигии назариявиро дар асоси таҳлили таълифоти мутафаккирони мазкур пур намояд.

Мубрамии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки дар муҳити илмию фалсафии муосир эҳтиёҷ ба таҳияи моделҳои нави илмӣ ва фарҳангии фаҳмиши мантиқ, маърифат ва асосҳои ақлонӣ афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, мероси Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо ҷузъи анъанаи таърихии тафаккур, балки заминаи муҳими назариявӣ барои тарбияи тафаккури интиқодӣ ва таҳлили илмӣ дар мувофиқат бо шароити ахлоқиву фарҳангии Шарқ мебошад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқ метавонанд барои такмили барномаҳои таълимӣ дар риштаҳои «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи фалсафа», «Фалсафа ва методологияи илм» ва ғайра истифода шаванд. Хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд ҳамчун асоси таҳияи дастурҳои методӣ ва таълимӣ хидмат намоянд, ки ба омӯзиши амиқи мантиқ ва фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таҳияи луғатҳои махсуси фалсафӣ ва китобҳои дарсӣ дорои аҳаммияти илмӣ-маърифатӣ мебошанд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Муаллифи диссертатсия ҳама он хулосаю пешниҳодҳоеро, ки ба мавзуъ марбутанд ҳангоми таҳқиқ дар заминаи сарчашмаҳои асосии бунёдӣ ва таҳқиқҳои мутафаккирон дар ин самт ба анҷом расонида, дар асоси адабиёти илмӣ дуруст баррасӣ намуда, ҳамчунин, таҳқиқоти худро дар меҳвари адабиёти муосири ватанию хориҷӣ барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ бо далелҳо асоснок намудааст. Дар диссертатсия ҷобаҷогузориҳои илмӣ, асосноксозии мафҳумҳо, пайвастагии мантиқии ҷумлаҳо ва истифодаи адабиёти илмӣ дуруст ба роҳ монда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда,** дар он зоҳир мешавад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои нав ба даст омадаанд, ки дар адабиёти илмии пешин ба ин шакл ва дар чунин сатҳи ҷамъбаст камтар матраҳ гардидаанд. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, махсусан муҳити илмии фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма», дар ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ, аз ҷумла Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мақоми меҳварӣ доштаанд.

Ҳамзамон, таъсири истилоҳот ва мақулоти фалсафию мантиқии Юнони бостон ба равандҳои истилоҳофаринии илмии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ муайян карда шуда, замина ва ҷараёни таърихии ин таъсир дар ҷанбаҳои забонӣ, консептуалӣ ва мазмунӣ таҳлил гардидааст. Дар таҳқиқ нишон дода шудааст, ки ғояҳои илмӣ-методологии Арасту, бахусус дар бахшҳои мантиқ ва маърифатшиносӣ, ба ташаккули назарияҳои мантиқии ҳар ду мутафаккир таъсири муайян расонидаанд ва ин иртиботи консептуалӣ бо далелҳои мантиқӣ собит карда шудааст. Яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқ он аст, ки бори аввал ғояҳои мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бар пояи осори аслӣ ва бо истифода аз методи таҳлили контентӣ ва герменевтикаи фалсафӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, таълимоти мантиқии ҳар ду мутафаккир бори аввал дар доираи муқоисаи фалсафӣ-мантиқӣ баррасӣ шуда, мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат ба таври амиқ ва муназзам таҳлил шудаанд. Мақулаи «бурҳон» ҳамчун меҳвари назарияи мантиқ дар осори ҳар ду мутафаккир ба таври муқоисавӣ таҳқиқ гардида, чунин равиш дар муҳити илмии Тоҷикистон ва кишварҳои пасошуравӣ таҷрибаи нав арзёбӣ мешавад. Ҳамчунин, ҷанбаҳои маърифатии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бори аввал дар иртиботи бевосита бо низоми мантиқии онҳо, бо дарназардошти сохтор ва функсияи маърифатӣ, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар идома асоснок шудааст, ки Муаллими сонӣ ҳамчун яке аз поягузорони мантиқ дар Шарқ на танҳо масъалагузории мантиқиро ба низом даровардааст, балки бо таҳлили бунёдии мантиқи юнонӣ таҳаввули илми мантиқро ба муҳити замони худ мутобиқ намуда, дар ин замина осори пурмуҳтавои мантиқӣ-фалсафиро ба мерос гузоштааст. Инчунин, дар диссертатсия, бори нахуст, исбот шудааст, ки Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ҳамаи бахшҳои мантиқро ба таври муфассал таҳлил ва танзим намуда, бо дарназардошти фалсафаи иҷтимоӣ заминаи таҳқиқи муосири мантиқро фароҳам овардааст, ки ба талаботи имрӯз мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада саҳми эҷодии муаллифро дар омӯзиши таълимоти мантиқӣ ва маърифатии ду чеҳраи барҷастаи форсу тоҷик равшан намуда, дар фазои илмии кишвар ва берун аз он барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мусоид фароҳам месозанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар он, бори аввал, таълимоти мантиқӣ-маърифатии ду чеҳраи калидии илми мантиқ – Форобӣ ва Тусӣ, дар

шакли муқоисавӣ мавриди таҳқиқи муназзам қарор гирифта, натиҷаҳои ҳосилшуда, дар сатҳи назариявӣ, қобили истифода арзёбӣ шудаанд. Ин таҳқиқ, ҳамчун иқдоми илмии мукаммал, ба ғанӣ гардидани дониши фалсафӣ ва мантиқӣ, ба тавсеаи дониши ақлонии инсон, инчунин ба шинохти амиқтари таърихи ташаккул ва таҳаввули тафаккури миллӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он дар баробари таҳкими пояҳои илмии масъала, барои таҳия ва татбиқи тавсияҳои методологӣ ва таълимӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланд қарор дошта, бо маҷмуи омилҳои методологӣ, илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок мегардад. Ин эътимоднокӣ аз риояи пайгиронаи принсипҳои илмӣ, интихоби методологияи муосир, таҳлили амиқу муфассали сарчашмаҳо, такя ба заминаи назариявии боэътимод ва санҷиши натиҷаҳо дар фаъолияти амалии илмӣ бармеояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи диссертатсия дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқ ба таври равшан мушоҳида гардида, натиҷаи фаъолияти мустақили илмӣ, таҳлили амиқ ва коркарди эҷодии масъалаҳои назариявию методологӣ мебошад. Довталаб ҳамаи бахшҳои асосии кори илмиро – аз интихоби мавзуъ ва муайян намудани самти таҳқиқ, то ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи хулосаҳои илмӣ, мустақилона, пайгирона ва бо риояи талаботи муосири таҳқиқоти илмӣ, анҷом додааст.

Мавзуъ ва самти таҳқиқот бо дарки дурусти аҳаммияти илмии масъала ва бо назардошти маҷҷудияти холигии пажуҳишӣ дар доираи мантиқ ва таърихи фалсафа интихоб шудаанд. Интихоби мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ба зарурати бознигарии илмии осори ду мутафаккири барҷаста ва арзёбии ҷойгоҳи онҳо дар рушди тафаккури фалсафӣ такя мекунад. Методологияи таҳқиқ, консепсияи илмии кор ва навовариҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла истифодаи созандаи мафҳумҳои классикӣ дар заминаи методологияи муосир, низ аз ҷониби довталаб мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ коркард шудаанд.

Қобили таъкиди махсус аст, ки диссертант дар баробари маҳорати таҳлилӣ, сатҳи баланди фарҳанги илмӣ ва забони таҳқиқро низ нишон додааст. Матни диссертатсия бо забони илмӣ ва фалсафии пухта, дақиқ,

мантиқан пайваста ва аз лиҳози истилоҳшиносӣ мутобиқ ба мазмуни масъала баён гардида, ин омил арзиши илмии корро боз ҳам афзун менамояд. Тарзи баён, корбурди дурусти мафҳумҳо ва услуби таҳлилӣ шаҳодати омодагии ҷиддии назариявии муаллиф ва қобилияти ӯ дар пешниҳоди масъалаҳои мураккаби мантиқию фалсафӣ дар шакли муназзаму асоснок мебошад.

Ҳамин тавр, тамоми марҳилаҳои таҳқиқ – аз таҳияи сохтори диссертатсия, ҷамъоварӣ ва таҳлили сарчашмаҳо, интихоби методология ва таҳлили натиҷаҳо то баёни хулосаҳои илмӣ, мустақилона иҷро гардида, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ ва тафсири муосири мероси мантиқию фалсафии асримиёнагии форсу тоҷик назаррас ва арзандаи баҳои баланд мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Чунонки аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаб бармеояд муҳтавои диссертатсия дар китобу монографияҳо, нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шуда, ҳамаи китобу мақолаҳои нашршуда ва маърузаҳои диссертант ба мавзуи диссертатсия робитаи зич дошта, талаботи КОА-ро қонеъ мегардонанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия аз рӯи сохти таҳқиқ ва мундариҷаи танзимшуда ба талаботи илмии КОА мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия масоили мубрами таҳқиқ ба таври возеҳ матраҳ шуда, натиҷаҳои илмии рисола дар асоси далеловариҳо устувор гардонида шудаанд. Муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфта дар шинохти мантиқу маърифатшиносӣ назаррас буда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шудааст. Аз рӯи дараҷаҳои ба итмомрасӣ кори илмӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, тамоми қисматҳои он аз муқаддима, то панҷ бобу сездаҳ зербоб, хулосаю тавсияҳо ва адабиёт ба таври хоссу муназзам таълиф шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар самти илми мантиқу маърифатшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи хуберо барои истифодаи тафаккури илмӣ ба вуҷуд оварда, дар рушди таҳқиқоти илмӣ ва ҷаҳонбинии наслҳои оянда саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

**Сохтор ва ҳаҷми диссератсия.** Сохт ва ҳаҷми диссертатсияи таҳқиқшуда ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯй аст ва дар он

феҳристи интишороти илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 52 номгӯй мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда,** дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методолгӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ муайян карда шудаанд. Умуман диссертатсияи таҳқиқшудаи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, сездаҳ зербоб, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи таълифоти илмии чопшуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия иборат аст.

Боби якуми диссертатсия бо унвони **«Заминаҳои назариявӣ-методологии афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** аз ду зербоб иборат буда, ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои назариявию методологии афкори мантиқӣ-маърифатии ин ду мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик бахшида шудааст. Дар зербоби аввал, диссертант, омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро таҳлил мекунад, ки дар давраи зиндагӣ ва фаъолияти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатии онҳо таъсири амиқ расонидаанд. Дар ин замина, муҳити рушди илмӣ ва эҳёи мероси фалсафаи юнонӣ дар асрҳои миёна, ки барои фаъолияти Форобӣ шароити мусоид фароҳам овард, бо вазъи мураккаби сиёсӣ ва фарҳангии асри XIII дар давраи ҳукмронии муғулон, ки давраи ҳаёти Тусиро фаро мегирад, муқоиса мешавад. Дар чунин шароит, Насируддини Тусӣ, бо талошҳои шахсӣ тавонистааст илму фарҳангро ҳифз намуда, бо осори худ ба рушди фалсафа ва илмҳои дақиқу табиӣ саҳми назаррас гузорад. Ҳамзамон, дар боб, робита ва таъсири мутақобилаи ин ду муҳити таърихӣ низ баррасӣ гардида, таъкид мешавад, ки давраи хилофати Аббосиён муҳити асосии ташаккули илму фарҳанги шарқӣ буд ва таъсири анъанаҳои эронӣ ва низоми девонсоloratӣ дар ташаккули фазои илмӣ нақши муҳим дошт. Зербоби дуюм ба таҳлили таъсири фалсафаи Юнони қадим ба ташаккули мантиқ ва маърифати шарқӣ ихтисос ёфта, дар он саҳми таълифот ва шарҳҳои интиқодии Форобӣ ва Тусӣ дар рушди мантиқ ва фалсафаи шарқӣ нишон дода мешавад. Ҳамчунин, хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳо, равандҳои таснифи илмҳо ва пояҳои назариявии андешаи мантиқӣ дар осори онҳо таҳлил

мегарданд. Нуктаи меҳварии ин қисмат он аст, ки ин ду мутафаккир мероси фалсафии Юнон, бахусус Арастуро, на танҳо пазируфтаанд, балки онро бо таҳлили интиқодӣ ва эҷодкорона бозсозӣ намуда, ба талаботи замони худ мутобиқ кардаанд. Дар натиҷа, боби якум заминаҳои таърихӣ-фалсафӣ ва маърифатии ташаккули афкори мантиқию маърифатии Форобӣ ва Тусиро равшан сохта, барои дарки амиқи решаҳои мантиқи шарқӣ ва рушди минбаъдаи он асос мегузорад (Диссертатсия, саҳ. 56).

Боби дуюми диссертатсия бо унвони **«Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ ҳамчун пояи маърифати илмӣ ва воситаи дарки воқеият бахшида шудааст. Муаллиф ба таври дуруст таъкид менамояд, ки таҳаввули мақулаҳои асосии мантиқӣ дар фарҳанги шарқӣ, бахусус дар тамаддуни форсизабонон, бо номи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ин ду мутафаккир, бо осори пурарзиш ва таҳқиқоти амиқи худ, на танҳо идомадиҳандагони анъанаи мантиқи Юнони қадим буданд, балки онро мутобиқ ба ниёзҳои фикрии асримиёнагии Машриқзамин такмил ва густариш доданд. Диссертант махсусан нишон медиҳад, ки Форобӣ, бо ҷорӣ намудани мафҳумҳо, истилоҳот ва мақулаҳои нави мантиқӣ пояи илми мантиқро дар Шарқ устувор намуд. Насируддини Тусӣ бошад, ин анъанаро бо забони илмии форсӣ идома дода, дар асоси мероси гузаштагон низоми нисбатан мукаммали истилоҳофаринии илмиро ташаккул дод. Баррасии боб, ки ба навъҳо ва шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ ихтисос ёфтааст, дар заминаи афкори ақлгароёнаи Арасту сурат гирифта, нишон медиҳад, ки ин ду мутафаккир, тавассути таҳлилҳои эҷодию интиқодӣ ба таҳкими дастгоҳи фикрии мантиқ, дар Шарқ, мусоидат кардаанд. Дар зербобҳои боб таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, доир ба мафҳум ва қазия, анҷом дода шуда, мафҳумҳои асосии мантиқӣ, сохтор, низом ва шеваҳои таснифу таҳлили онҳо дар осори ҳар ду мутафаккир ба таври амиқ баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ, муфрадӣ ва муаллафӣ, инчунин мафҳумҳои зотӣ ва аразӣ, донишҳои панҷгона ва мақулот шарҳи муфассал ёфтаанд. Дар бахши қазия низ навъҳои он – ҳамлӣ ва шартӣ, бо нишон додани умумият ва фарқиятҳои онҳо, дар низоми мантиқии ҳар ду мутафаккир мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия – **«Воситаҳои асосии инкишофи дониш дар мероси мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои ҳамбастагии тафаккур ва забон, нақши қиёс ва айнияту тафовути он, инчунин вижагиҳои назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии ин ду мутафаккир мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Диссертант, бо асоснокӣ қайд мекунад, ки пояҳои назарияи қиёс ва воситаҳои истихроҷи дониш нахуст дар осори Арасту, махсусан «Аналитикаи аввал» ва «Аналитикаи дуюм», ба таври низомманд матраҳ шудаанд; ин анъана ба Форобӣ таъсири амиқ расонда, ӯ онро дар «Китоб-ул-қиёс» ба шакли муназзам баррасӣ кардааст. Насируддини Тусӣ бошад, ин мавзуъро дар «Асос-ул-иқтибос» бо сохтори мукаммалтар ва таҳлили амиқ идома додааст. Дар зербоби аввал, пеш аз таҳлили қиёс, моҳият ва низоми робитаи тафаккур ва забон, аз дидгоҳи ҳар ду мутафаккир, пажуҳиш мешавад, таъкид мегардад, ки бо вуҷуди тафовути шаклии равишҳо, пажуҳиши Тусӣ идомаи такмилёфтаи андешаҳои Форобӣ аст. Дар зербобҳои баъдӣ мафҳумҳои қиёс ва бурҳон дар заминаи осори мантиқии Форобӣ ва Тусӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил шуда, сохтор, вазифа ва нақши онҳо дар раванди маърифат, инчунин умумият ва тафовуташон бо далелҳои мантиқӣ равшан карда мешаванд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ диссертант ба хулоса мерасад, ки ҳар ду мутафаккир, тавассути ин воситаҳои мантиқӣ, робитаи мантиқ ва маърифатро дар низоми донишҳои фалсафӣ амиқ ифшо намуда, мантиқро на танҳо ҳамчун абзори шинохти ҳақиқат, балки ҳамчун воситаи тарбияи зеҳнӣ ва такмили ахлоқӣ арзёбӣ кардаанд, бо ин роҳ, онҳо мантиқи назариявиро ба ниёзҳои ҷомеа, фарҳанг ва суботи иҷтимоӣ пайвастаанд.

Боби чоруми диссертатсия – **«Ташаккули маърифати мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** низ аз се зербоб таркиб ёфта, масъалаҳои таснифи илмҳо ва ҷойгоҳи мантиқ дар он, маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ (мантиқӣ) дар осори ҳар ду мутафаккир ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд. Диссертант, дар ин боб, ҷанбаҳои назариявии истифодаи мантиқро дар тафаккури фалсафии асримиёнагии шарқӣ ва робитаи он бо дигар равандҳои фалсафӣ, аз ҷумла таснифи илмҳо ва асосҳои ҷойгиршавии онҳо, таҳлил мекунад. Дар зербоби аввал бо далелҳои мантиқӣ ва таърихӣ мақоми Абунасри Форобӣ, ҳамчун нахустин муассиси низоми таснифи илмҳо ва саҳми Насируддини Тусӣ, ҳамчун такмилдиҳандаи он, нишон дода мешавад. Дар зербобҳои баъдӣ ҷойгоҳ ва аҳаммияти маърифати ҳиссӣ ва

маърифати ақлӣ, ҳамчун зинаҳои асосии шинохт, баррасӣ гардида, равшан мешавад, ки Форобӣ ва Тусӣ чӣ гуна ин ду сатҳи маърифатро бо мантиқ ва тафаккури ақлонӣ пайванд дода, нақши онҳоро дар ташаккули дониш ва дарки ҳақиқат асоснок кардаанд. Дар натиҷа, диссертант ба хулоса меояд, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мантиқро на танҳо воситаи истидлол, балки пояи усулии низоми маърифатии инсон медонанд ва бо таҳияи низоми таснифи илмҳо ва асосҳои мантиқию маърифатӣ дар таърихи афкори фалсафии Шарқ ва ҷаҳон саҳми арзанда гузоштаанд. Таваҷҷуҳ ба осори «Китоб-ул-ҳуруф», «Эҳсо-ул-улум», «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила»-и Форобӣ ва «Асос-ул-иқтибос», «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим»-и Насируддини Тусӣ имкон медиҳад, ки мантиқ ҳамчун пояи тафаккури фалсафӣ ва воситаи танзими дониши инсонӣ аз дидгоҳи назариявӣ ва амалӣ амиқтар дарк гардад (саҳ. 253-254).

Дар боби панҷуми диссертатсия – **«Нақши мантиқ ҳамчун методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»**, диссертант дар ду зербоб масъалаҳои маърифати олам ва консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои онро дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки Форобӣ ва Тусӣ барои дарки низоми олам ва ҷойгоҳи инсон дар он, бар пояи меъёрҳои мантиқӣ, низоми мураттабу устувори маърифатиро ташаккул додаанд. Онҳо, бо истифода аз усулҳои мантиқӣ ва таҷрибавӣ, равандҳои шинохти ҳақиқат, табақабандии дониш ва унсурҳои асосии маърифатро дар иртибот бо категорияҳои фалсафӣ тавзеҳ медиҳанд. Дар ин замина, мафҳумҳои калидӣ – эътиқод, шинохт, ҳақиқат, зарурат ва тасодуф дар ҳамбастагӣ низоми ҳамгирои маърифатро ташкил медиҳанд. Диссертант таъкид мекунад, ки маърифати олам дар назари ин ду мутафаккир раванди бисёрзинагӣ буда, аз мушоҳидаи ҳиссӣ оғоз шуда, тавассути хулосабарории мантиқӣ ба сатҳи маърифати ақлӣ мерасад. Шинохти ҳақиқат низ дар таълимоти онҳо ҳамчун меъёри асосии санҷиши дониш ва мувофиқати андеша бо воқеият арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, мантиқ дар осори Форобӣ ва Тусӣ на танҳо абзори истидлол, балки методологияи умумии маърифати олам ва шинохти ҳақиқат ба шумор меравад. Дар натиҷаи таҳқиқ, Б. Сулаймонов, ба хулосаи муҳим мерасад, ки мантиқ дар осори ин ду файласуфи бузург ҳамчун калиди фаҳми самтҳо ва равандҳои олами объективӣ – аз табиат то зоҳиру ботини инсон, зуҳур намуда, заминаи

методологии таҳаввули андешаи илмӣ ва фалсафии Шарқро фароҳам овардааст. Дар маҷмуъ, хулосаҳо, натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант аҳаммияти муҳими илмию назариявӣ ва амалӣ дошта, нишон медиҳанд, ки муаллиф ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои таҳқиқро ҳал намудааст. Дар диссертатсия таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, инчунин ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва иҷтимоии афкори онҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, сохтор ва функсияи мантиқ дар низоми маърифатии онҳо ва робитаи он бо ахлоқ, сиёсат, дин ва ҷомеа равшан карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сохтори корҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст. Мафҳуми умумии диссертатсия, ки муқаддимаю асосноккунии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти тадқиқот, пешниҳодҳои илмӣ, қисми хулосавӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни он пурра ба талаботи илмии замони имрӯз мувофиқ аст. Ҳама он иқтибосҳо ва далелҳои овардашуда мувофиқи меъёрҳои илмии қабулшудаи КОА мебошанд. Дар таҳқиқ забони фасеҳ ва истилоҳоти соҳавӣ истифода шудаанд. Дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ дорои навовариҳои хос буда, саҳми илмӣ-амалии ӯро тасдиқ мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – фалсафа ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6.3.2. – Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

**Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад**, ки диссертант ин мавзуъро – «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» дар самти мантиқ ва маърифатшиносӣ таҳқиқ гардида, масоили назариявӣ-амалӣ ва методологии он метавонанд дар рушди ҷаҳонбинии фалсафии замони истиқлол бо мафҳум ва истилоҳоти нав ҳамчун ҷаҳонбинӣ мусоидат кунанд.

**Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди он ки диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидааст, дар он баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар бахши навоварии илмии таҳқиқ шарҳу тавзеҳи саҳми мушаххаси мутафаккирон дар рушди илми мантиқ то андозае фишурда баён шудааст. Ҳол он ки ин инъикоси муфассалтари ин масъала

метавонист арзиши илмии натиҷаҳои бадастомадаро боз ҳам равшантар намояд.

2. Саҳми мантиқи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар рушди метафизикаи Шарқ дар баъзе мавридҳо ба таври кофӣ возеҳ шарҳ дода нашудааст. Дар ҳоле ки ин масъала аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва нисбатан камомӯхташуда мебошад ва тавзеҳи густардатари он метавонад дар ошкор сохтани ҷанбаҳои вижаи мантиқгароӣ дар афкори ин ду мутафаккир саҳми бештар гузорад.

3. Бо назардошти он ки фаъолияти илмӣ ва фалсафии мутафаккирон дар шароитҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ сурат гирифтааст, мувофиқ мебуд, ки фарқиятҳои куллии танҳо афкори мантиқии онҳо дар диссертатсия матраҳ мегардид.

4. Диссертант таъкид мекунад, Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» бахши бурҳон (мутаносиб ба «Аналитикаи дуюм»)-ро ба ду қисм – бурҳон ва ҳад ҷудо менамояд. Дар диссертатсия доир ба категорияи бурҳон параграфи махсус ҷой дода шуда, барои тавзеҳи дурусти он баъзе ҷанбаҳои «ҳад» низ шарҳ ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, беҳтар мебуд категорияи «ҳад» низ ҳамчун унсури муҳими низоми бурҳонӣ дар шакли мустақилтар ва муназзамтар баррасӣ мегардид, то хулосаҳо аз лиҳози илмӣ боз ҳам дақиқтар ва ошкортар пешниҳод шаванд.

5. Асолат ва шахсияти илмӣ-фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар баъзе қисматҳо ба таври умумӣ баён шудаанд. Вобаста ба равишҳои замони муосир ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ин ҷанба ба сурати мушаххастар ва дақиқтар инъикос мегардид.

Аммо камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, бештар ба ҷанбаҳои тавзеҳӣ, таҳрирӣ ва тарзи пешниҳоди баъзе нуктаҳо марбут мебошанд ва ба арзиши илмӣ, муҳтавои асосӣ, навоварии таҳқиқ ва хулосаҳои умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳангоми нашри минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ба такмили бештари онҳо мусоидат намоянд.

**Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо** ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд. Боиси зикри махсус аст, ки муаллифи диссертатсия матни таҳқиқро бо риояи талаботи навишти диссертатсия ва бо дарназардошти

меъёрҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб намуда, масъалаҳои мавриди таҳқиқро дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ таҳлил кардааст. Дар диссертатсия пешбиниҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба таври асоснок пешниҳод гардида, дараҷаи хуби азхудкунии маводи илмӣ, методологияи таҳқиқ ва заминаҳои назариявии бунёдӣ равшан инъикос ёфтааст, ки аз омодагии касбӣ ва салоҳияти илмии муаллиф шаҳодат медиҳад. Диссертатсия дар асоси маводи илмӣ бо таҳлили муфассал ва пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, автореферат ва корҳои илмии дар мавзуи таҳқиқ нашргардида мазмуни асосии онро дуруст инъикос менамоянд.

**Автореферати дисертатсия** тибқи тартиби муқарраградида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд. Ҳамчунин, автореферат ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи Сулаймонов Б.С. муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктории илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Султонзода Соқӣ Аслон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №7, аз 27 феврали соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Саидзода Гулхумор**

**Омодасози лоиҳаи тақриз:**
д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Султонзода Соқӣ Аслон**

**Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 329 хонаи 15,
Тел. (992 938148639); E.mail: sultonzoda83@mail.ru

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Бердиев Шоҳназар**

Имзои н.и.ф., дотсент Г. Саидзода, д.и.ф., профессор А.С. Султонзода ва н.и.ф., дотсент Ш. Бердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Қодирзода Сайвалӣ**

**Суроға:** 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj

«28» 02 соли 2026.